ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Даврон Бобомуродович фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ин марҳилаи рушди давлатдории миллӣ, то ба ҳол таҳқиқоти маҷмуӣ, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан анҷом наёфтааст. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи мазкурро ба вуҷуд овард.

Ҳамчунин, ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат аст, зеро вазъи саломатии аҳолӣ нишондиҳандаи муҳимми сатҳи рушди ҷомеа ва давлат мебошад. Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа ва ғайра, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон эътироф шудааст.

Барои бартараф сохтани ҷараёнҳои манфӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар айни замон фаъол намудани шаклҳои назорат аз ҷониби давлат, пурзур намудани воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо кирдорҳои ба саломатии аҳолӣ таҷовузкунанда, аз ҷумла, муомилоти ғайриқонунӣ бо моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар зарур мебошад. Мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва захрнок яке аз мушкилоти муҳимтарини амнияти миллӣ мебошанд. Барои мубориза бар муқобили чунин кирдорҳо қонунгузор дар м. 206 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст.

Ҳамасола сатҳи баланди паҳншавии ғайриқонунии ин моддаҳо дар байни аҳолии кишвар бахусус дар байни кӯдакону ва ҷавонон ба назар мерасад. Нокофӣ будани танзими ҳуқуқии муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ва вобаста ба ин афзоиши истеъмоли ғайритиббии онҳо ба афзоиши қочоқи онҳо аз кишварҳои мухталифи хориҷӣ мусоидат кардааст. Муаллиф зикр менамояд, ки дар давоми солҳои 2015-2021 сатҳи ҷиноятқорӣ вобаста ба ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан якранг набуда, ҳам тамоюли рӯ ба афзоиш ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2015 – 8; 2016 – 20; 2017 – 9; 2018 – 17; 2019 –18; 2020 –9; 2021-11 ҷинояти муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ба қайд гирифта шудаанд.

Муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд дар заминаи истеъмоли намудҳои алоҳидаи воситаҳои мазкур боиси ба фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб гардидани доираи зиёди одамон, ба хусус ҷавонон, аз ҷумла, варзишгарон шуда метавонад. Ба ин нигоҳ накарда, масоили ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар фарқият аз муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор ва психотропӣ то андозае аз мадди назар дур шудааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо аз он бармеояд, ки дар айни замон, ягон барномаи мақсадноки давлатӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба шахси дигар додан вуҷуд надорад.

Мушкилоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд пеш аз ҳама, бо вайрон кардани дастуру қоидаҳои муомилоти ин намуди моддаҳо алоқаманд мебошад. Муомилоти қонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд тавассути шумораи зиёди санадҳои меъёрӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият амалкунанда – тиб, байторӣ, дорусозӣ, саноати кимиё, варзиш ва ғайра ба танзим дароварда мешаванд, ки ин то андозае кори мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаро мушкил мегардонад.

Ҳамчунин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои банду басти ҷинояти мазкур, такмил додани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят низ ақидаҳои гуногун баён шудаанд, ки таҳлил ва баҳогузории муайянро талаб месозанд.

Далелҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»

мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Даврон Бобомуродович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Каримов Даврон Бобомуродович маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои

ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

Зокирзода Зафар Хайрулло – дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии **Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 24-уми декабри соли 2022, соати 10:00 таъин карда шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.